«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
профессор ____________ Маҳмадёрзода У.М.
«_9_» ____12____________ соли 2020

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи илмии Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: (менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

**1. Мубрамияти мавзӯи тадқиқот**

Дар шароити муосири минтақашавӣ, ҳамгирои ва рушди бемайлони марҳилаҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт, рақобати баланди байналмиллалӣ байни абарқудратҳо ҷиҳати соҳибшавӣ ба захираҳои ашёи хом ва масолеҳи нимтаёри КАС-ии давлатҳои ақибмонда, инчунин баланд гардидани талабот ба захираҳои маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар арсаи байналмилаллӣ, аз байн бурдани сифати маҳсулотҳои КАС, аз истеҳсолот баровардани заминҳои кишоварзии давлатҳои ақибмонда ва ба ин васила вобаста кардани онҳо аз воридоти маҳсулотҳои кишоварзӣ, зиёдшавии талабот ба маҳсулотҳои кишоварзие, ки ба дигар соҳаҳо ҳамчун ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр баромад мекунанд, кам шудани ҳаҷми маҷмуъи маҳсулотҳои КАС ба сари аҳолие, ки дар соҳаҳои КАС фаъолият мекунанд дар давлатҳои ақибмонда, тамоюлҳои муосири танзими давлатии саривақтии рушди рақобатпазирии КАС дар дохил ва берун аз он бо мақсади рушди соҳа, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳимояи рақобатпазирии соҳаҳои КАС дар арсаи байналмиллалӣ ба миён меояд, ки омӯхтану аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани онҳо ва дар ин асос қабул

намудани қарорҳои мушаххас метавонанд, дар танзими ин равандҳо нақши босазо гузорад. Зеро дар тамоми давраҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ танзими рушди рақобатпазирии КАС ва дар инн асос таъмини бехатарии озуқаворӣ, чӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ва чӣ дар иқтисодҳои миллӣ, шарти ногузири пешрафт ва ҷоннокшавии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Хусусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93%-аш куҳсор буда, шароитҳои рушди рақобапазирии КАС нисбати дигар соҳаҳо зиёдтар аст, барои рушди иқтисодиёт ва ба даст овардани ҳадафҳои стратегӣ танзими соҳаи мазкур, инчунин рушди он ва тавассути таъмини бахшҳои воқеъии иқтисодиёти миллӣ бо захираҳои ашёи хом ва маҳсулотҳои нимтайёри саноатӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи ин равандҳо хело саривақтӣ ва мубрам аст. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои асосии рушд наёфтани рақобапазирии КАС, ин норасоиҳои ҷиддӣ дар асосҳои институтсионалии танзими соҳа, кам будани ҳавасмандгардонии корхонаҳои соҳа, норасоии сарчашмаҳои арзону дастраси молиявию қарзии фаъолияти корхонаҳои соҳа, гаронии зиёди андозӣ, кам будани даромадҳои аҳолии деҳот, ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд.

Аз тарафи дигар то ҳануз масъалаи таъмини амнияти озуқаврии мамлакат ҳалли худро наёфтааст. Ба зиёдшавии худтаъминкунии ҷумҳурӣ аз рӯи гурӯҳҳои алоҳидаи маҳсулоти хурокворӣ нигоҳ накарда, то ҳануз масъалаи бо маҳсулоти хурокаи хушсифат таъмин намудани талаботи аҳолӣ ҳалли худро наёфтааст ва дахолати ниҳодҳои давлатиро тақозо менамояд. Баъдан, диққати бештари давлат ба муаммоҳои рушди рақобатпазирии КАС ва истифодаи роҳу усулҳои гуногуни дастгирии истеҳсолкунандагон ба зиёд шудани ҳаҷми маҳсулотҳои КАС мусоидат карда бошад ҳам, вале то ҳол самаранокии истеҳолот дар соҳа хеле паст аст ва истифодабараи маблағҳои буҷетӣ мувофиқи мақсад нест. Ҳамаи ин заруратеро ба миён овардааст, ки роҳу усулҳои нави идоракуниро барои батанзимдарории рушди рақобатпазирии иқтисодиёти КАС истифода барем.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, таҳияи чунин рисолаи илмӣ, таҳқиқу баҳогузорӣ ба ҳолати равандҳои муосири такмили танзими давлатии рақобатпазирии КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор хело саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

**2. Сатҳи коркарди илмии таҳқиқот**

Муаллиф ҳангоми тадқиқот асарҳои олимони мазкур: хориҷӣ - Смит А., Рикардо Д., Милл Ҷ., Шумпетер Й., Кейнс Ҷ., Ансафор И., Друкер П., Котлер Ф., Мескон М., Алберт М., Скотт Р., Портер М., Алтухов И.А., Беспоходний Г.В., Буробкин И.Н., Балабайкин В.Ф., Беткин О.И., Гоголев, Даванков А.А., Добринин В.А., Милосердов В.В., Шатин А.Ю., Петриков А.В., Панусов Ю.В., Савченко Е.С., Серков А.Ф., Семиний А.Н., Ушачев И.Г., Шмелев Г.И., Шутков А.А. ва ватанӣ - Асроров И.А., Қаюмов Н.Қ., Умаров Ҳ.У., Ғафуров Х.Ғ., Пиризода Ҷ.С., Ғаниев Т.Б., Давлатзода Қ.Қ., Комилов С.Ҷ., Қурбонов А.К., Мадаминов А.А., Ашуров И.С., Бозоров Ш.Ш., Барфиев Қ.Х., Шамсиев Қ.Б., Иброҳимзода И.Р., Орипов А.О., Хоҷибоев А.П., Шарипов З.Ш., Амиров Н.И., Акрамов Ш.А., Одинаев Ш.Т., Мирзохонов С.О. ва дигаронро ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**3. Мақсад, асоснокии назариявию амалии таҳқиқот, соҳаи тадқиқот.**

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз таҳқиқи консептуалию амалии коркарди механизмҳои танзими давлатии баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ ва роҳҳои таъмини самаранокии идоракунии он иборат мебошад.

Вобаста ба мақсадҳои гузошташуда дар рисолаи мазкур ҳалли якчанд вазифаҳо бароҳ монда шудааст, аз ҷумла:

- таҳқиқи таҳаввулоти назариявии танзими давлатии рақобатпазирии КАС ва консепсияи муаллифиро пешниҳод намудан;
- меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии КАС-ро таснифу асоснок намудан;
- рақобатпазириро дар таъмини амнияти озуқаворӣ, устувории инкишофи иҷтимоӣ ва механизми амалигардонии он дар соҳаи аграрӣ баҳо додан;

- омилҳои амалинамоии сармоягузориҳо ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, КАС ва ММД ошкор намудан;

- механизмҳои баландбардории рақобатпазирии КАС дар асоси баҳисобгирии омилҳои муосири иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва табиӣ – иқлимӣ муайян кардан;

- модели вобастагии баландбардории рақобатпазирии КАС аз маблағгузории соҳаҳои КАС ва ММД таҳия намудан.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ дар раванди таҳқиқоти мавзӯи мазкур ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда ноил гашта, вобаста ба онҳо пешниҳодҳои мушахас намудааст. Вобаста ба ин, дар раванди омоданамоии диссертатсияи мазкур муаллиф аппарати олотӣ-методии таҳқиқотро дар мувофиқасозии принсипҳои дарки базавии илмӣ (таҳлили сохторӣ-функсионалӣ ва институтсионалӣ-таҳаввулотӣ) ва усулҳои умумиилмӣ (ягонагии таҳлил ва ташхис, индуксия ва дедуксия, алоқамандии бузургиҳои миқдорӣ ва сифатӣ) тадқиқ менамояд.

Дар ҷараёни асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ, хулоса ва тавсияҳо бошад, усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, усулҳои мушоҳида, гурӯҳбандӣ, усулҳои таҳаввулотӣ-таърихӣ, институтсионалӣ, усулҳои таҳлил ва синтез, муқоисанамоии қаторҳои динамикӣ, баҳодиҳӣ ва таҳлили қиёсӣ, инчунин усулҳои гузаронидани пурсишномаҳо, анкетакунонӣ, гузаронидани таҳлил ва гурӯҳбандии натиҷаҳои он истифода карда шудаанд.

Ба сифати базаи иттилоотӣ-эмпирикии таҳқиқот маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҳлилии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои иттилоотӣ, ки дар нашриётҳои илмӣ ва нашриётҳои даврӣ интишор гардидаанд, баромад намуда, асосҳои назариявӣ методологии таҳқиқоти мазкурро корҳои илмии олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, нашриётҳо дар матбуоти даврӣ, маводҳои конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ оид ба масъалаҳои такмили танзими давлатии рақобатпазирии КАС, санадҳои амалкунандаи

қонунгузорӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рақобатпазирии КАС-ро танзим менамоянд, фаро гирифтаанд.

Таҳқиқоти мазкур бо шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) – бандҳои: 10.4 - Сиёсати давлатӣ, механизм, метод ва технологияи таҳия ва татбиқи он; 10.8 - Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес ва 10.5 - Рақобатпазирии бизнес мувофиқат менамояд.

**4. Навгониҳои илмии тадқиқот**

Навгонии илмии таҳқиқот аз таҳияи консепсияи назариявию методологии идораи баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти танзими таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини илмӣ, ки аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:

- аз ҷониби муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ-консептуалии танзими давлатии баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ таҳқиқ шуда, рақобатпазирӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ муайян гардида, шароитҳои баҳодиҳии рушди устувори агросаноатӣ ба монанди зарурати таҳқиқи рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ, муайян намудани сохтори таҳқиқшавандаи қобилияти КАС, амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва устуворию иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ дар асоси истифодаи дурусти шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиӣ-иқлимӣ ва дигар воситаҳои рушди фаъолияти агрохоҷагӣ асоснок шудааст;

- таҳқиқотгар, меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии КАС, дараҷаи амнияти озуқаворӣ ва устувории иҷтимоиро дар ҷумҳурӣ ошкор ва асоснок кардааст, ки ба онҳо дохил мешаванд: коркарди методикаи амалинамоии мониторинги рақобатпазирӣ (ҷавобгӯ набудани нишондиҳандаҳои коэффитсиентҳои муайянкардашуда ба талаботҳои рақобатпазирӣ); таҳияи

механизми баландбардории рақобатпазирии КАС (таҳрири барномаву стратегияҳои давлатӣ ва батадриҷ амалинамоии онҳо); пешниҳоди самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС (таъмини рушди КАС ва саноатикунонии кишвар, беҳтар намудани шароити корхонаву ташкилотҳои амалкунанда ва ба рақобат тобовар гардидани онҳо ва дар ин замина рушди иқтисоди миллӣ);

- аз ҷониби муаллиф мавқеи умумии стратегӣ дар масъалаҳои рушди хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои ба саноат мувофиқ муайян карда шуд (тамоюли баръакс дар саноати коркарди маҳсулоти гӯштӣ), ки он баҳисобгирии шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ (кифоя набудани меъёри худтаъминкунӣ - ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворие, ки КАС - и минтақа истеҳсол мекунанд), ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва устувории иҷтимоии ҷумҳурӣ (воридотӣ будани ҳиссаи зиёди маҳсулоти хӯрокворие (зиёда аз 60%), ки дар ҷумҳурӣ истеъмол мешаванд) равона шудааст;

- зимни таҳқиқот муҳақиқ омилҳои амалинамоии сармоягузориҳо ба истеҳсолоти хоҷагии қишлокро ошкор намуд (камшавии ҳиссаи хароҷотҳо ба соҳаи кишоварзӣ, дар соли 2018 нисбати соли 1991 ба 7%, ҷолиб набудан ва камфоида будани сармоягузории соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, ки зарурияти зиёд намудани маблағгузории КАС аз ҳисоби ташаккули лизинг, қарзҳои имтиёзнок ва ғайраҳоро тақозо менамоянд), ки хусусиятҳои рақобатпазирии КАС –ро инъикос менамоянд, инчунин ба рушди ММД -и ҷумҳурӣ боис мегарданд;

- муаллиф муайян намуд, ки ҳангоми муносибгардонии мувофиқии шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ, ба назар гирифтани мавқеи ҷойгиршавӣ ва тахассуси истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин ошкор намуд, ки ҳамчун самти асосии рақобатпазирии КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот баромад мекунанд, ки миёни онҳо маҳсулнокии чорво (таъмини талаботи дохилӣ бо шири муқаррарӣ ва истеъмоли маҳсулоти туруши ширӣ (творог, сметана, кефир) ва таъмини шароитҳо

барои истеҳсоли маска, консерваҳои ширӣ, панири дурушт) ва ҳосилнокии зироатҳо (расонидани ҳосилнокии зироатҳои ғалладона то 18-20 с/га ва зиёд намудани хӯроки чорво) мақоми хосро доро мебошанд;

- аз ҷониби муаллиф модели вобастагии баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ (КАС) аз маблағгузории соҳаҳои КАС ва ММД таҳия карда шуда, муайян шуд, ки механизм ва самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС, агар дар соҳаҳои он танзими саривақтӣ гузаронида шавад, бахусус зимни фаъолгардонӣ бо маблағгузории дохиливу хориҷӣ дар самти таъмини соҳаҳои КАС, метавонанд асоси рушди устувори иқтисодии Тоҷикистон гарданд.

Навгониҳои тадқиқот ва аҳамияти назариявии таҳқиқот иборат аз таҳияи муқаррароти назариявию методологие мебошад, ки онҳоро метавон барои таҳқиқотҳои минбаъда дар самти инкишофи рақобатпазирии КАС ва такмилдиҳии низоми танзими ин ҷараён мавриди истифода қарор дод. Хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳиягардида, метавонанд аз тарафи мақомоти танзимгар ва назоратӣ барои истифодаи минбаъдаи онҳо ҳангоми ҳаллу фасли вазифаҳои инкишоф ва баландбардории танзими давлатии рақобатпазирии фаъолияти КАС ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ мавриди истифода қарор бигиранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки имконияти истифодабарии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот барои таъмини рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ, ҳамчун яке аз субъектҳои асосии иқтисодиёт, ки дар шароити муосири рақобатнокӣ амал намуда, ноилшавии ҳамаи нишондиҳандаи иқтисодӣ фоидаи зиёдро таъмин намудааст. Инчунин ба ҳалли тамоми комплекси масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар ҷамъияти муосир равона шудааст.

Мавқеи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти кори диссертатсионӣ, дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи кишоварзӣ истифода шуда, хулосаҳо ва тавсияҳо баён шуда, маълумотнома оид ба

татбиқи пешниҳоду таклифҳо мавҷуд аст. Маводҳои диссертатсия дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии Данғара низ истифода гардидааст, ки маълумотнома оид ба татбиқ мавҷуд аст.

**4. Сохт ва таркиби рисолаи диссертатсионӣ**

Сохт ва таркиби рисолаи диссертатсионӣ ба мақсади асосӣ мувофиқ буда, бе восита аз вазифаҳои муайяншуда бар меояд ва мантиқи ҷараёни таҳқиқотро инъикос мекунад. Рисолаи диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки дар 203 саҳифаи матни компютерӣ омода шудааст.

Дар сарсухан муаллиф ҷиҳатҳои актуалӣ будани мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқотро асоснок гардонида, дараҷаи коркард ва навоварии онро нишон додааст (саҳ. 3-12).

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии масоилҳои рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ»** ҷанбаҳои инкишофи рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ (КАС) дар назария ва амалияи иқтисод, аҳамияти «танзими рақобатпазирӣ» дар комплекси агросаноатӣ, маҷмӯи омилҳои ба рақобатпазирии КАС таъсиррасонанда баррасӣ шудааст (саҳ. 13-72).

Дар ин боб, оид ба таҳовуллоти назариявию методологии рақобат ақидаҳои олимону дохиливу хориҷӣ - Кейнс Ҷ.М., Лернер А., Маршалл А., Мил Ҷ., Портер Ф., Рикардо Д., Робинсон Ҷ., Смит А., Эрхард Л., Хайек Ф., Хайнс П., Шумпетер Й. ва дигарон,ро таҳлил намуда, ақидаи муаллифиро дар бораи рақобатпазирӣ пешниҳод намудааст, ки мувофиқи он "Рақобатпазирӣ чун категорияи иқтисодӣ, ба ақидаи мо, муносибатҳоро байни иштироккунандагони такрористеҳсоли ҷамъиятӣ дар хусуси рақобат ҷиҳати бадастории натиҷаҳои беҳтарин бо хароҷоти мувофиқ, ифода мекунад." (С. 14). Инчунин намудҳои бозорро вобаста аз рақобат гуруҳбандӣ намуда, дар расм овардааст (С. 19) ва дар ин асос ошкор намуд, ки барои муайян кардани сатҳи рақобатпазирӣ, бояд ба параметрҳо ва нишондиҳандаҳои зиёде аз рӯйи субъекти рақобат баҳо дода шавад: тавсифи субъекти рақобатпазирӣ; маълумот оид ба масоҳати ҷуғрофии бозори рақобат; нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии бозори

рақобат; нишондиҳандаҳои сифатӣ ва ё миқдории рақобатпазирӣ, ки таҷассумкунандаи методҳои рақобатпазирӣ мебошад.

Ҳамзамон, оид ба аҳамияти рақобатпазирии КАС таҳқиқ намуда, муайян намуд, ки соҳаи кишоварзӣ таърихан соҳаи аввалини истеҳсолоти ҷамъиятӣ буда, бо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, он аз дигар шаклҳои такрористеҳсол ҷудо гардид. Аҳамияти он бошад, то ба давраҳое, ки саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба рушду тараққиёти бузург ноил гардиданд, боқӣ мондааст. Ин ҳолат мавҷудияти худро дар тамоми давраҳо, аз ҷумла дар шароити саноатикунонӣ ва баъдисаноаткунонӣ, ҳамчун манбаи таъмини бехатарии миллии озуқаворӣ низ нигоҳ медорад. Лекин дар тамоми ҷаҳон он соҳаи дотатсионӣ аз ҷониби давлат танзим гардида, ҳамчун манбаи ашёи хом ва масолеҳҳо барои дигар соҳаҳо истифода мегардад (С. 32), ки вобаста ба он барои танзими пешниҳодҳои илман асоснок намудааст. Вобаста ба инҳо хусусиятҳои рушди рақобатпазирии корхонаҳои КАС гурӯҳбандӣ гардида ақидаи муаллифиро “Хусусияти муҳими танзими давлатии таъмини рақобатпазирии хоҷагиҳои кишоварзӣ дар он аст, ки пеш бурдани истеҳсолот дар ин ҷо ба таври органикӣ бо истифода намудани замин ва муҳити табиӣ алоқаманд аст. Агар дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ замин пояи истеҳсолӣ ва ҳудуде бошад, ки дар он ҷо корхона ва ширкатҳо кор мекунанд, пас барои хоҷагии қишлоқ бошад, замин воситаи ивазнашавандаи истеҳсолот мебошад” комилан дуруст пешниҳод менамояд (С. 35).

Дар натиҷаи таҳлили таъсири омилҳо, муаллиф ба омилҳои умумии муҳити беруна: (макроиқтисодӣ) вазъи сиёсӣ дар мамлакат; босуботии дигаргуниҳои демократӣ; имконияти баргаштан ба системаи гузаштаи сиёсӣ; вазъи ҷиноӣ дар мамлакат ва дигар омилҳоро нисбат дода, инчунин ба ғайр аз омилҳои умумӣ, омилҳои мушаххасро, ки ба тариқи миқдорӣ дар мавриди ташаккулёбии корхонаҳои КАС-и рақобатпазир ба ҳисоб гирифтан зарур аст, дар ҷадвали 1.3.3. - Омилҳои мушахасси

таъсирасонанда ба рақобатпазирии корхонаҳои КАС, гуруҳбандӣ менамояд (С. 55).

Инчунин омилҳои берунии кишварро, ки тавассути содироту воридот ба рақобатпазирии КАС таъсир мерасонанд, таҳлил намуда ба хулосае меояд, ки: “Таҳлили ҳолати воридоту содироти маҳсулотҳо нишон медиҳад, ки содироти нахи пахта соли 2018 2,3 млрд. долл. ва ё 70 ҳаз. тонна зиёд шуда, воридоти маҳсулоти нафтӣ 9,9 млрд. долл. ва ё 25100 тонна кам гардид. Инчунин маҳсулотҳои ордӣ ва гандумӣ низ кам гардиданд. Дар маҷмӯъ, содирот тамоюли зиёдшавӣ дошта, воридот дар маҷмӯъ кам гардида истодааст. Ин ҷараёнҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки истеҳсоли чунин маҳсулотҳо дар кишвар ҷоннок шуда истодаанд. Вобаста ба тамоюлҳои муайянгардида, пешниҳод менамоем, ки вобаста ба сохтори воридот маҳсулотҳои алтернативие, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол мегарданд, таҳқиқ намуда, онҳоро ҷиҳати бештар содирот намудан ҳавасманд намудан лозим аст.” (С. 72).

**Дар боби дуюм «Баҳодиҳии рақобатпазирии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои система ва меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии КАС, методикаи баҳодиҳии рақобатпазирии КАС ва ҳолати муосири сатҳи рақобатпазирии КАС мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст (саҳ. 73-128).

Дар ин бахш, муаллиф ба ҳолати муосири рақобатпазирии КАС-ро баҳогӯзорӣ намуда, дар асоси тавсияҳои ташкилотҳои байналхалқӣ ба қатори меъёрҳои асосие, ки имконияти баҳодиҳии рақобатпазирии кишвар ва минтақаҳоро медиҳанд, нӯҳ меъёри асосиро таҳлил ва бо кишвар муқоиса менамояд, таҳқиқ намудааст. Аз ҷумла, муаллиф ҳолати мавҷударо омӯхта вобаста ба чор меъёри асосӣ – худтаъминкунӣ, сатҳи истеъмолии хурокворӣ, сатҳи вобастагӣ аз маҳсулотҳои воридотӣ ва сатҳи бекорӣ, ба чунин хулосаҳо меояд: “ҳиссаи зиёди (зиёда аз 60%) маҳсулоти хӯрокворие, ки дар ҷумҳурӣ истеъмол мешаванд, воридотӣ буда, меъёри худтаъминкунӣ - ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворие, ки КАС - и минтақа дар

ҳаҷми умуми маҳсулоти хӯрокворӣ, дар ҷумҳурӣ дар давоми сол, истеҳсол намудааст, кифоят намекунад. Муайян гардид, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳолӣ истеъмоли ҳаррӯзаи 100 гр сафедаро тавсия медиҳад, ки нисфи он бояд аз сафедаи ҳайвонот (моҳи, маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ, тухм) бошад. Маҳз дар ҳамин ҷо норасоии асосии хӯрок пайдо мешавад. Аз сабаби норасоии маҳсулоти аз чорво гирифтамешуда дар ғизонокии хӯрок хусусиятҳои иммунологии организм паст гардида, мондашавии пеш аз вақт ба миён меояд ва қобилияти корӣ паст мешавад. Ҷолиби диққат ва тааҷҷубовар он аст, ки истиқоматкунандагони деҳот низ аз норасоии маҳсулоти хӯрокворӣи дар боло зикр шуда азоб мекашанд. Вобаста ба ин меъёри истеъмолӣ -меъёрӣ сатҳи истеъмоли воқеии хӯроквории истиқоматкунандагони кишварро нисбат ба меъёрҳои муқарраркардаи ташкилотҳои тандурустии давлатӣ ва байналмилалӣ, вайрон шуда истодааст. Ошкор карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳсолаҳои охир вобастагии зиёди маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ дорад. Ҳамасола кишвар ба маблағҳои зиёд ин масолеҳҳоро ворид месозад, ки бо ин амал ба истеҳсолкунандагони хориҷӣ бозори васеъро пешниҳод мекунад. Зимни таҳлили экспертон оид ба «вобастагии ниҳоӣ аз маҳсулотҳои воридотӣ» онҳо ақида доранд, ки дар ҳолати воридоти маҳсулоти озуқаворӣ аз 20-25 % гардидани воридот барои кишвар оқибатҳои ногуфтаниро ба вуҷуд меоварад (афзоиши якбораи нархҳои маҳсулотҳои воридотӣ, баланд шудани нарх дар бозорҳои маҳаллӣ ва ғ.) Таҳлилҳо нишон дод, ки зиёда аз 50%-и аҳолии фаъоли иқтисодӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин нестанд, ки дар ин маврид, меъёри шуғлмандии аҳолӣ - ҳиссаи аҳолии воқеан дар истеҳсолоти масолеҳи кишоварзӣ машғулбудаи минтақа нисбат ба шумораи умумии қобили кории аҳолии қишлоқ вайрон гардидааст” (С. 79-87).

Асоснокии илмии рисола, дар он аст, ки муаллиф пурсишҳои экспертӣ гузаронида, натиҷаҳои коркардашудаи пурсиши экспертӣ ва дар асоси онҳо тағйирёбандаҳои нишондиҳандаҳои интегралиро ҳисоб карда

дар ҷадвали 2.2.9. - Маълумотҳои ҷамъбастӣ аз рӯи ҳисобгирии нишондиҳандаи интегралии КАС – ро ҳаматарафа баррасӣ намуда, ошкор гардид, ки мавқеи муҳимро коэффитсиенти худтаъминкунӣ ишғол намуда, ҳиссаи коэффитсиент 23%-ро дар бар мегирад. Аз ин бармеояд, ки ташаккул ва рақобатпазирии кишоварзӣ ба сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ (худӣ, қарзӣ, ҷалбшуда) вобаста аст. Ҳатто саҳми даромаднокӣ дар ин робита аз ин коэффитсиент камтар ба ҳисоб меравад (с. 98).

Инчунин, аз ҷониби муаллиф усулҳои минтақавии баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои КАС дар бозори минтақавӣ коркард карда шудааст (расми 2.2.7). Натиҷаи баҳодиҳии пешниҳодшуда метавонад ҳам дар фаъолияти дохилӣ (масалан, барои коркарди чорабиниҳо оид ба баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти асосӣ, баҳодиҳии маҳсулоти сифаташ паст бо муқоиса бо дигар маҳсулотҳо ва ғ.), ҳамчунин дар фаъолияти берунӣ (масалан, ҳангоми асосноккунии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ҳангоми асосноккунии ҳолати иқтисодии корхонаҳо бо мақсади ҷалби захираҳои қарзӣ, ҳангоми гузаронидани баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои КАС бо дигар рақобаткунандагон ва ғ.) истифода карда шавад (С. 100).

Муаллиф хусусиятҳои муҳимро дар баҳодиҳии рақобатпазирии КАС-и мамлакат ошкор намуд, ки дар иқтисодиёти минтақаҳо соҳаи хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷойи асосиро мегирад. Ба ақидаи муаллиф, дар як қатор шаҳру ноҳияҳо (ш. Душанбе ва вилояти Суғд ва диг.) бахши мошинсозиро барои истеҳсоли як қатор намудҳои мошинҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва комплексҳои умумии базавии истеҳсоли онҳоро барқарор намуда, истеҳсоли онҳоро бо муносибатҳои ҳамгироёна бо дигар давлатҳо, масалан бо Эрон, Беларус ва Қазоқистон ташкил намудан мумкин аст (С. 105).

Муаллиф зимни таҳлилҳо ошкор намудааст, ки ҳосилнокии зироатҳо соли 2018 нисбати соли 1991 зиёд гардида, танҳо ҳосилнокии пахтаи хом ба 0,40%-и соли 1991 кам гардидааст. Таҳлилҳои гузаронидашударо умумӣ

намуда, дар рисола қайд мекунад, ки дараҷаи маҳсулнокии фаъолияти соҳаи растанипарварӣ баланд буда, пешниҳод менамояд, ки иқтидори биоиқлимии ҷумҳурӣ ҷамъоварии ҳарсолаи на камтар 20 с/га ғалладонагӣ, бо 180-200 с/га картошка ва зиёда аз 250 с/га сабзавотро имконият медиҳад. Инчунин ба хулосае меояд, ки дараҷаи ҳосилнокӣ ба тағйиротҳои солона вобаста аст, яъне таъсири обу ҳаво мавҷуд мебошад. Аҳамиятнокии омили обу ҳаво ба ҳосилнокиро «кам» нагирифта, бояд аз ҳисоби гузаштан ба технологияҳои инноватсионӣ, истифодаи поруҳои табиӣ ва маъданӣ таъсири онхоро паст гардонида, ҳосилнокиро баланд кардан мумкин аст. Ба усулҳои экстенсивии баланд гардониданӣ истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ такя кардан, яъне аз ҳисоби васеъ гардонидани замин корам зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот аз байн меравад ва албатта, ки талабот ба маҳсулот низ зиёд мегардад. Пас, барои хариди техникаи замонавӣ, татбиқи технологияҳои нигоҳдории захираҳо, хариди тухмиҳои бесалиқа, поруҳои маъданӣ ва ғ. захираҳои молиявии назаррас лозиманд. Маълум аст, ки ин ҷо саъю кӯшиши давлат (маблағгузории буҷетӣ) ва сармояи хусусиро муттаҳид намудан лозим меояд (С. 114).

1. Хулосаи боби мазкур аз он иборат аст, ки ҷиҳати такмили соҳа сатҳи таъмини хӯрока нисбат ба меъёрҳои тавсияшаванда танҳо 82%-ро ташкил мекунад, ки бояд зиёд карда шаванд, махсусан, ҳолати ногувор дар таъмин будан бо маводи ғизогии аз масолеҳи чорво омода мегардида ба қайд гирифта шудааст; инчунин миқдори комбайнҳои ғалладарав дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҳолати хавфнок қарор дорад, аз ҷумла дар ВМКБ ҳамагӣ 1 дона, НТМ 155 дона, вилояти Суғд 396 дона ва вилояти Хатлон 468 дона, ки бо ин таъминот на танҳо рақобатпазирии КАС-ро таъмин кардан ғайриимкон мегардад, балки амнияти озуқавориро низ таъмин кардан мушкил мегардад. Бинобар ин, зарурияти танзими давлатӣ дар ин соҳа пеш меояд, аз ҷумла рушди лизинг, ташкили хоҷагиҳои байнисоҳавӣ ва ғайраҳо; поруандозӣ ба заминҳои кишт дар маҷмӯъ соли 2018 нисбати соли 1991 - 2 маротиб кам гардида, ҳамагӣ 43%-ро ташкил дода, нисбати соли 1995 - 5 маротиба кам

гардида, 19%-ро ташкил медиҳад. Тамоюли мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки агар ин ҷараён идома ёфтан гирад, на танҳо рақобатпазирии КАС, таъмини бехатарии озуқаворӣ таъмин намегардад, балки ба биёбоншавии заминҳои кишоварзӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, чораҳои саривақтии дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз ҷумла таъмини имтиёзҳои андозию қарзӣ саривақтӣ ба ҳисоб меравамд.(С. 125).

**Дар боби сеюм «Роҳҳои баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** тамоюлҳои асосии инкишофи рақобатпазирӣ дар КАС, рақобатпазирии самаранок истифода кардани заминҳои кишоварзӣ ва механизми баландбардории рақобатпазирӣ дар КАС таҳқиқ карда шудааст (саҳ. 129-178).

Дар боби мазкур муаллиф, вобаста ба норасоиҳои рақобатпазирии соҳаҳои КАС, пешниходи дар ҷадвалҳо оварда, пешниҳод менмояд, ки сохтори бозори аграрии фурӯши маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ то ҳол ташкил нашудааст. Бозори хӯрока захираҳои худро аз хоҷагии кишоварзӣ мегирад. Айни замон танҳо 28% корхонаҳои хоҷагии кишоварзӣ ва 22% хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) кафолати баромадан ба бозори ватаниро доранд. Давлат ба ҷараёнҳои муносибатҳои бозорӣ ҳамроҳ нашуда, мавқеи назораткунандаро ишғол намудааст. Дар натиҷа ба ҷойи бозори мутамаддин ва бо инфрасохтори муайян, мо бозори ғайримуташаккил бо иқтисодиёти пӯшидаро доро мешавем, ки дар он на ҳамаи истеҳсолкунандагон метавонанд иштирок варзанд ва давлат бояд инро пешгирӣ намуда, ба роҳ ёфтани маҳсулоти кишоварзӣ ба бозорҳо ҳаматарафа мусоидат кунад. Бояд қайд намоем, ки тариқи иқтисодиёти «сиёҳ» азхудкунии молу мулк ва ғосибона гирифтани корхонаҳои кишоварзӣ ва гузоштани маҳдудиятҳои сунъӣ ба фаъолияти корхонаҳо ба муфлисшавии онҳо оварда расонид, ки таъсири он то ба ҳол идома дошта, аз нав таҷдид ва барқарор намудани онҳо то ба ҳол душвор мебошад (С. 133). Омилҳое, ки рақобатпазирии хоҷагии қишлоқро муайян мекунад, аз ҷониби муаллиф ошкор ва пешниҳод менамояд, ки тамоюлҳои

рақобатпазир гардонидани соҳаи кишоварзии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, пеш аз ҳама, дар татбиқи инноватсияҳо бояд дид. Ба ақидаи муаллиф, маҳз татбиқи инноватсия дар айни замон афзалтарин омили пешравӣ ва рушди соҳаи кишоварзии кишвар шуда метавонад. Бояд барои татбиқи роҳҳо, усулҳо ва таҷҳизотҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ чораҷӯӣ намуд (С. 136), вобаста ба ин ҳамзамон, динамикаи маблағгузориҳо аз ҳамаи сарчашмаҳо ба соҳаи КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3.1.22 (С. 137) оварда, муайян намудааст, ки ҳиссаи хароҷотҳо ба соҳаи кишоварзӣ, дар соли 2018 нисбати соли 1991 ба 7% ва нисбати соли 2017 ба 3% кам шудааст. Ба ақидаи ӯ, ҳолати суст инкишофёбии КАС аз он шаҳодат медиҳад, ки маблағгузории он дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нагардида истодааст, дар расми 3.1.15 ( С. 137) оварда шудаанд. Муаллиф зимни пешниҳоди тавсияҳо оид ба рушди КАС, зарурияти зиёд намудани маблағгузории КАС, аз ҳисоби ташакули лизинг, қарзҳои имтиёнок ва ғайраҳо муайян ва пешниҳод намудааст (С. 138).

Дар асоси таҳлили усули индексӣ тағйирёбии ҳосилнокии миёнасолонаи 9 маҳсулоти афзалиятноки КАС, инчунин омилҳои таъсиррасонанда муайян карда шуда, афзуншавӣ (камшавии) ҳаҷми истеҳсол ва вазни қиёсии омилҳои ба он таъсиррасонанда ошкор карда шудаанд, самтҳои стратегии рушди рақобатпазирии КАС кишвар пешниҳод карда шуданд (С. 144-157). Ба ақидаи муаллиф Таҳқиқот нишон дод, ки нишондиҳандаҳои методии таҳлили индексӣ барои истеҳсоли маҳсулоки озуқаворӣ самараноктар буда метавонад: аз ҷумла аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли гандум ва маҳсулоти гандумӣ, сабзавот, мевагиҳо ва ангур. Камшавии зағир асосан аз боду ҳаво вобаста буда, бештар дар ноҳияҳои ғарбии ҷумҳурӣ кошта мешавад. Дар солҳои охир пастшавии маҳсулоти ғайриозуқаворӣ дида мешавад, аз ҷумла ба истеҳсоли маҳсулоти пахта диққати махсус додан лозим аст.

Ба ақидаи муаллиф, гузаштан ба таҷҳизоти инноватсионӣ чорабинии арзишнок буда, дар муддати солҳои дароз ба назар гирифта мешавад.

Пӯшонидани хароҷотҳо дар ин ҷо зуд амалӣ намешаванд ва ин омил сармоягузорони хусусиро мегурезонад, вобаста ба ин, муаллиф оид ба механизми баландбардории комплекси агросаноатӣ модели механизмҳои баландбардории рақобатпазирии КАСғро таҳия менамояд (С. 159).

Муллиф афзоиши коэффитсиентҳоро ояндабинӣ намуда, рақобатпазирии КАС-ро муайян намуда, имкониятҳои афзоиши: худтаъминкуниро (КХТ) аз 0,85 то 0,93; коэффитсиенти истеъмолоти меъёриро (КИМ) аз 0,85 то 0,94; тағъийир наёфтани коэффитсиенти шуғли аҳолиро ($К_{ш}$) ва суръати шуғли ҳақиқии аҳолиро инъикос намудани онро; коэффитсиенти афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлокро (КА) аз 1,01 то 1,15; коэффитсиенти устувории истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлокро (КУМ) аз 0,85 то 0,97 пешгӯӣ менамояд, ки дар ин самт ба ақидаи ӯ, нишондиҳандаи умумии рақобатпазирӣ метавонад аз 0,88 то 0,97 зиёд гардад (С. 169).

Инчунин, пешниҳод менамояд, ки механизм ва самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС метавонанд асоси рушди устувори иқтисодии Тоҷикистон гарданд, дар ҳолате, ки дар соҳаҳои он танзими саривақтӣ гузаронида шавад. Хусусан, дар самти таъмини соҳаҳои КАС бо маблағгузории дохиливу хориҷӣ, шароити мусоид барои рушди онҳо фароҳам мешавад, ва барои исботи ин фикр, мо вобастагии маблағгузориҳои дохилиро бо ММД-и кишвар тариқи моделҳои коррелятсионӣ-регрессионӣ пешниҳод намудааст (С. 170-176).

Дар хулоса, вобаста ба вазифаву навгониҳо ва дастовардҳои илмӣ-амалии таҳияшуда, пешниҳодҳои мушаххаси муаллифӣ оварда шудаанд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ Бобохонзода М.Ҷ. дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, арзиши баланди илмӣ доранд.

**5. Баҳои автореферати рисолаи илмӣ.**

Автореферат пурра ба мазмун ва мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ мувофиқ буда, ба талботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, мазмуну муҳтавои навгониҳои асосии рисоларо дар бар гирифта, мақолаҳои илмии муаллиф (9) вобаста ба мавзуи диссертатсионии мазкур чоп шудаанд.

**6. Камбудиву норасоиҳои рисола.**

Новобаста аз дастовардҳо, диссертатсияи мазкур аз камбудӣ ва хатогиҳо холӣ нест. Ба назари мо диссертатсия дорои камбудиҳои зерин мебошад:

1. Дар банди мубрамияти мавзӯи таҳқиқот (саҳ. 3-9) иқтибосҳо аз барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои муҳимӣ мавҷуда роҷеъ ба мавзӯи диссертатсионӣ камтар оварда шудааст. Ҳоло он, ки ин масъала дар ин ҳуҷҷатҳои муҳимӣ давлатӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад;

2. Коркард ва такмили ҷадвалҳо, махсусан рақамгузории ҷадвалҳо ва тасҳеҳи номгузории онҳо тибқи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур дониста мешавад;

3. Иқтибосҳои овардашуда дар кори диссертатсионӣ ба талаботҳои мавҷудаи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ нестанд. Муаллифро зарур аст, ки ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ диҳад;

4. Таҷрибаи пешқадами давлатҳои тараққикарда ва рубатараққӣ кам оварда шудааст дар таҳқиқот. Муаллифро зарур аст, ки дар тадқиқотҳои минбаъда ба ин масъала аҳамият диҳад;

5. Дар рисолаи диссертатсионӣ пешгуиҳо оид ба ҳолати минбаъдаи ташаккули сарчашмаҳои молиявӣ ва таъмини рушди рақобатпазирии КАС бо захираҳои қарзӣ дар ҶТ то соли 2030 пешгӯи нашудаанд. Ҳоло он, ки ин масъала дар Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 пешбини шудааст ва таҳлили муқоисавӣ мавҷуд нест;

6. Муаллифро лозим аст банди «Адабиётҳои истифодашуда»-ро ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ гардонад.

7. Дар диссертатсия илмӣ хатогиҳои граматикӣ, стилистикӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

**7. Баҳои умумии мутобикати рисола ба талаботхои мукарарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Дар маҷмуъ камбудиҳои ҷойдошта наметавонад, ки қимати диссертатсияро коҳиш диҳанд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: (менеҷмент) мебошад.

Тақризро омода намуд, д.и.и., профессор, Самандаров Искандар Ҳусейнович ва дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои Иқтисодиёти КАС ва Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ дар корхонаҳои КАС муҳокима карда шуд. Суратмаҷлиси кафедра №__, аз __ _____ соли 2020.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ**
**дар корхонаҳои КАС -и ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур,**
**н.и.и., дотсент** **Анваров И.М.**

**Котиби ҷаласа,**
**и.в. мудири кафедраи иқтисодиёти**
**КАС-и ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур** **Исмоилов И.М.**

***Суроғаи донишгоҳ:*** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 146, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел.: (+99237) 224-72-07,
Почтаи электронӣ: rectortau31@mail.ru
Сайт: www.tajagroun.tj
**Имзои Анваров И.М. ва Исмоилов И.М.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур** _________ _______________